Бо қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_2_» октябри соли 2010 № 474
тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ИНВЕСТИТСИОНӢ, ГРАНТҲО ВА СОХТМОНИ АСОСӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2011–2013

Мундарича

Мундарича 2
Маълумоти асосӣ дар бораи кишвар 4
Фасли I. Барномаи давлатии инвеститсионӣ
Боби 1. Муқаддима 5
Боби 2. Тавсифи мухтасари кишвар 5
Боби 3. Иқтисодиёти давраи гузариш 5
Боби 4. Фарогирӣ ва самаранокии Барномаи давлатии инвеститсионӣ 9
Боби 5. Ҳолатҳои макроиқтисодӣ ва Барномаи давлатии инвеститсионӣ 10

Фасли II. Барномаи давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013 11

Боби 6. Маблағгузории Барномаи давлатии инвеститсионӣ 11
Боби 7. Ҷараён ва сохтори Барномаи давлатии инвеститсионӣ 11
Боби 8. Кодҳои Барномаи давлатии инвеститсионӣ ва тавсифи соҳаҳо 12
Боби 9. Барномаи давлатии инвеститсионӣ дар солҳои 2011-2013 13

Фасли III. Бахши сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) барои солҳои 2011–2013 16
Боби 10. Муқаддима 16
Боби 11. Бахши сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) барои солҳои 2011-2013 16

Фасли IV. Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ барои солҳои 2011-2013 19

Боби 12. Муқаддима 19
Боби 13. Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ барои солҳои 2011-2013 19

Фасли V. Муаррифии форматҳо барои пешниҳод ва ҷадвалҳои ҷамъбастии Барномаи давлатии инвеститсионӣ 20

Боби 14. Ҷадвали маълумот дар бораи лоиҳаҳо (ҶМЛ) 20
Боби 15. Ҷадвали маълумот дар бораи грантҳо ва кӯмаки техникӣ 20

Замимаҳо ва ҷадвалҳо
Замимаи 1. Сиёсат ва стратегия аз рӯи бахшҳои иқтисодёти миллӣ 22

Замимаи 2. Ҷадвалҳои ҷамъбастии Барномаи давлатии инвеститсионӣ 50

Ҷадвали ҷамъбастии 1: Тақсимоти маблағҳо аз рӯи соҳаҳо дар доираи Барномаи давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013 51

Татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар доираи Барномаи давлатии инвеститсионӣ (то 1 июни соли 2010) 60

)маи давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013 62

ı сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) барои солҳои 2011-2013 67

Ҷадвали ҷамъбастии 5: Грантҳо ва кӯмаки техникӣ барои солҳои 2011-2013 71

Замимаи 3. Лоиҳаҳои аз нигоҳи молиявӣ таъмингардида 80

Замимаи 4. Лоиҳаҳои ба маблағгузорӣ эҳтиёҷдошта 104

Замимаи 5. Грантҳои нав ва кӯмаки техникӣ 168

| | |
|---|---|
| Пойтахт | Душанбе |
| Масоҳат | 143100 км. кв. |
| Аҳолӣ | 7,6 млн. нафар (соли 2009) |
| | занҳо – 49.7% |
| | мардҳо– 50.3% |
| | аҳолӣи деҳот – 74.4% |
| | аҳолӣи шаҳр – 25,6% |
| Рӯзи истиқлолияти давлатӣ | 9 сентябри соли 1991 |
| Қабули Конститутсия | 6 ноябри соли 1994 |
| Шакли сиёсӣ | Ҷумҳурӣ |
| Ҳокимияти иҷроия | Сарвари давлат (Президент) |
| | Сарвари Ҳукумат (Раис), Ҳукумати Ҷумури Тоҷикистон |
| Ҳокимияти қонунгузор | Маҷлиси Олӣ (Маҷлиси Миллӣ, Маҷлиси намояндагон) |
| Ҳокимияти судӣ | Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ |
| Сохтори маъмурӣ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: аҳолӣ–1,65 млн. нафар масоҳат–28700 км$^2$ |
| | Вилояти Суғд: аҳолӣ–2,17 млн. нафар, |
| | масоҳат–26100 км$^2$ |
| | Вилояти Хатлон: аҳолӣ– зиёда аз 2,64 млн. нафар, |
| | масоҳат–24600 км$^2$ |
| | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| | аҳолӣ– 0.22 млн. нафар |
| | масоҳат–63700 км$^2$ |
| | Шаҳри Душанбе: аҳолӣ–0,7 млн. нафар. |
| | Сомонӣ (4,1437 сомонӣ=1 долл. ШМА, қурби миёнаи расмӣ дар соли |
| Асъор | 2009) |
| | 2759,2 сомонӣ (соли 2009) |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ | |
| | тоҷикон–80 %, ӯзбекҳо–15,3 %, русҳо–1,1 % ва дигарон–3,6 % |
| Таркиби миллии аҳолӣ | |
| | Давлатӣ – тоҷикӣ, муоширати байни миллатҳо-русӣ |
| Забон | Ислом: мусулмонон-90%; дигарон–10% |
| Дин | |
| | 72,2 сол |
| | 46,0 (ба ҳар 1000 зинда таваллудшуда) |
| Давомнокии умр | 27,9 (ба ҳар 1000 нафар) |
| Фавти кӯдакон (то 1-сола) | 38.4 ба 100 000 таваллуд |
| Таваллуд | |
| Фавти модарон | 97% |
| | 253 (аҳолӣ ба ҳар духтур) |
| Маълумотнокӣ | |
| Таносуби шумораи аҳолӣ ба ҳар духтур | |

Фасли 1. Барномаи давлатии инвеститсионӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ

Боби 1. Муқаддима

Барномаи давлатии инвеститсионӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2011–2013 (минбаъд - БДИ) аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи кабизоатӣ (минбаъд-ҲСПСК)-ро омода намуд, ки кӯшишҳои васеи муштараки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираи соҳибкоронро дар бар мегирад, ки дар таҳияи тадбирҳои сиёсӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ҳамкорӣ менамуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тақвияти инвиститсияҳоеро, ки аз ҳисоби манбаъҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мешавад, хуб дарк карда, инчунин сиёсати Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро бо нақшаи буҷаи миёнамӯҳлат алоқаманд месозад, ки стратегияи миёнамӯҳлати иқтисодии мамлакатро муайян менамояд,. БДИ барои ҳарчи бештар ноил гардидан ба мақсадҳо ва татбиқи тадбирҳои дар ҲСПСК зикршуда таҳия гардидааст.

Боби 2. Тавсифи мухтасари кишвар

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, ба баҳр роҳи баромад надорад ва бо Афғонистон, Хитой, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст. Қаторкӯҳҳо қисмати шимолӣ ва ҷанубӣ, инчунин ғарбӣ ва шарқии кишварро аз ҳам ҷудо менамоянд.

Кишвар дорои захираҳои азими гидроэнергетикӣ мебошад. Дурнамои нерӯи барқи арзон барои истеҳсоли алюминий дар Тоҷикистон шароити махсус муҳайё намудааст. Иқлими мусоиди гарм ва мавсими дарозмуддати кишоварзӣ якҷоя бо захираҳои фаровони обҳои дарёҳо барои обёрии заминҳо ҷиҳати махсусгардонии мамлакат ба соҳаи пахтакорӣ шароити хубро фароҳам овардааст. Ин омилҳо сохтори асосии иқтисодии кишварро муайян месозанд. Дар соҳаи истеҳсолоти саноат ба ғайр аз алюминий дар кишвар ба дараҷаҳои гуногун истифодаи иқтидору инфрасохтор барои истеҳсоли маводи кимиёӣ, нуриҳо, семент, равғани растанӣ, маҳсулоти нассоҷӣ ва ғайра мавҷуданд. Дар кишвар захираҳои канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, дар андозаи муайян нафт, симоб, ангишт, сурб, руҳ, сурма, волфрам, тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳову ороишӣ, мармар ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Дарозии роҳҳои мошингард қариб 26605,1 км, роҳҳои оҳани дорои аҳамияти умумӣ қариб 953 км-ро ташкил медиҳанд. Инчунин чор фурудгоҳи ҳавоии асосие, ки ба хатсайрҳои байналмилалӣ хизмат мерасонанд, вуҷуд доранд.

Боби 3. Иқтисодиёти давраи гузариш

Баъди ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 вазъияти иқтисодӣ дар Тоҷикистон якбора бад гардид. Ба ин қисман барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ сабаб шуд, ки он то соли 1997 идома дошт. Дар натиҷа қисми зиёди инфрасохтор хароб гардида, муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ба амал омад. Зарари иқтисодӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ қариб 7 млрд. доллари ШМА-ро ташкил дод. Офатҳои табиии солҳои 1992 – 1993 вазъияти иқтисодиро боз ҳам душвортар сохт. Норасоии буҷет боиси гиперинфлятсия гардид. Аз соли 1997, пас аз ба имзо расидани Созишномаи сулҳ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба амал баровардани тадбирҳоро

баҳри барқарорсозии иқтисодиёт пайдо намуд. Дар солҳои 1998-2001 механизмҳои маблағгузорӣ барои барқарорсозии харобиҳои баъдинизоъ ва вусъати бозсозии сохторӣ мутобиқи барномаи Хазинаи байналмилалии асъор (Post-Conflict Facility ва Enhanced Structural Adjustment Facility / ESAF) (минбаъд - ИСАФ) ҷорӣ гардид. Барномаи ИСАФ баъдтар ба номи механизми маблағгузорӣ бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёт табдил дода шуд. Ин барномаҳо бо мақсади мӯътадилсозии макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ нигаронида шуда, барои гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ равона шуда буданд. Барои барқарорсозии иқтисодиёт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо институтҳои гуногуни байналмилалии молиявӣ ва созмонҳои байналмилалии башардӯстона ҳамкориҳои бисёрҷониба анҷом дод. Натиҷаҳои чунин ҳамкорӣ ба озодшавии нархҳо ва савдо, ислоҳоти замин, беҳтар намудани дастрасӣ ба таълимоти базавӣ ва тандурустӣ, инчунин ислоҳоти зарурии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ мусоидат намуданд.

Бояд зикр кард, ки дар натиҷаи андешидани тадбирҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мӯътадилсозии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ афзоиши дараҷаи таваррум боздошта шуда, фарқияти қурби асъор кам карда шуд. Аз соли 1997 сар карда, болоравии ММД ба назар расид. Дар солҳои 2005 ва 2009 афзоиши воқеии ММД ба ҳисоби миёна зиёда аз 6,6 фоизро ташкил дода, дар панҷ соли охир 1,4 маротиба зиёд гардид.

Дар солҳои охир дигаргуниҳои мусбӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ мушоҳида гардидаанд. Масалан, ҳаҷми маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ дар панҷ соли охир зиёда аз 5 маротиба афзуд. Дар ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва зиёд ворид гардидани сармоягузории хориҷӣ корҳои зиёде анҷом дода шуд ва дар ин самт дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадаанд. Бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ дар вилояти Суғд ва ноҳияи Панҷ минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шуданд. Маблағӣ умумии портфели лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ амалӣ карда мешаванд, дар нимсолаи аввали соли 2010 – зиёда аз 1,8 млрд. долл. ШМА-ро ташкил дод.

Дар панҷ соли охир савдои хориҷӣ бо суръат рушд ёфт ва ҳоло ҷумҳурӣ бо 78 мамлакати хориҷи дуру наздик муносибатҳои тиҷоратӣ дорад.

Ҷадвали 1: Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ (солҳои 2004-2009).

| | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД номиналӣ (млн. сомонӣ) | 6167,2 | 7206,6 | 9335,2 | 12804,4 | 17609,3 | 20622,8 |
| ММД воқеӣ (бо фоизи афзоиш) | 110,3 | 106,7 | 107,0 | 107,8 | 107,9 | 103,4 |
| Таваррум (бо фоиз дар охири сол) | 5,7 | 7,1 | 12,5 | 19,7 | 11,8 | 105 |
| Сохтори ММД (бо фоиз аз ҳаҷми ММД) | | | | | | |
| Истеҳсоли молҳо | 50,7 | 48,9 | 48,5 | 45,4 | 45,6 | 40,8 |
| Хизматрасонӣ | 38,3 | 39,6 | 40,1 | 42,1 | 42,4 | 48,7 |
| Андозҳои холис | 11,0 | 11,5 | 11,4 | 12,5 | 12,0 | 10,5 |
| Нишондиҳандаҳои буҷаи давлатӣ нисбат ба ММД (бо фоиз) | | | | | | |
| Даромадҳо | 17,9 | 19,6 | 19,5 | 29,4 | 29,7 | 26,9 |
| Хароҷот | 17,7 | 19,5 | 19,1 | 27,3 | 27,4 | 27,4 |
| Каср | 0,2 | 0,1 | 0,5 | 2,2 | 2,3 | -0,4 |

Гардиши савдои хориҷӣ (млн. долл. ШМА)

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 914,9 | 908,7 | 1399,0 | 1468,1 | 1408,7 | 1010,0 |
| Воридот | 1191,3 | 1330,1 | 1725,4 | 2547,2 | 3272,6 | 2568,7 |
| Фарқият (+-) | -276,4 | -421,4 | -326,4 | -1079,1 | -1863,9 | -1558,7 |

Таҳлили натиҷаҳои рушди иқтисоди миллӣ дар соли 2009 нишон медиҳад, ки ба таъсири манфии бӯҳрони молиявию иқтисодии умумиҷҳонӣ ва низоми мавҷудаи энергетикӣ нигоҳ накарда, ба ғайр аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (93,7 фоиз), фаъолияти сармоягузорӣ (84,5 фоиз) ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (76,4 фоиз) дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо натиҷаҳои мусбат таъмин гардиданд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2009 20,6 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2008 3,4 фоиз афзудааст. Индекс дефлятори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 112,6 фоиз баробар шудааст. Истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2759,3 сомониро ташкил дод.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли гузашта 6,3 фоиз коҳиш ёфта, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ бошад, 10,5 фоиз зиёд шуд. Ҳаҷми боркашонӣ ва миқдори мусофиркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт нисбат ба соли 2008 мутаносибан 11,1 ва 3,3 фоиз афзуд. Гардиши моли чакана нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,5 фоиз афзоиш ёфт.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, нисбат ба соли 2008 76,4 фоизро ташкил дод. Содирот ва воридот мутаносибан 28,3 ва 21,5 фоиз коҳиш ёфтааст.

Ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ нисбат ба нишондиҳандаи соли 2008 15,5 фоиз кам мебошад.

Иҷрои қисми даромади Буҷети давлатӣ 99,7 фоиз таъмин гардид. Қисми хароҷоти Буҷети давлатӣ 94,7 фоиз нисбат ба нақшаро ташкил дод.

Сатҳи таваррум дар соли гузашта 5,0 фоизро ташкил дод, ки сатҳи он нисбат ба соли 2008 2,4 маротиба паст мебошад.

Музди меҳнати номиналии як корманд дар моҳҳои январ-ноябр 276,1 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2008 22,0 фоиз зиёд аст. Музди меҳнати ҳақиқӣ мутаносибан 14,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳаҷми маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар моҳҳои январ-июли соли 2009-ум 1101,2 млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2008-ум – 604,8 млн. доллари амрикоӣ кам мебошад ва дар давоми ҳашт моҳи соли 2009 - 4,0 фоизро ташкил дод.

Аз аввали таъсири бӯҳрони молиявӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои зиддибӯҳронӣ андешида шуд.

Нақшаи иловагии зиддибӯҳронӣ дар давраи кӯтоҳмӯҳлат ҳалли масъалаҳои зеринро тақозо мекунад:

- таъмин намудани мувозинати макроиқтисодӣ;
- таъмини устувории бахши воқеии иқтисодӣ ва дастгирии рушди бахши хусусӣ:
- ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дастгирии бозори меҳнат;
- таъминоти иҷтимоии дастгирии аҳолӣ дар шароити бӯҳрони молиявӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя;
- таъмини саривақтии иҷрои чорабиниҳои зиддибӯҳронӣ дар давраи кӯтоҳмӯҳлат;

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои зиддибӯҳронии соли 2009 барои дастгирии буҷаи давлатӣ аз ҳисоби ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ зиёда аз 80 млн. доллари ШМА маблағҳои грантӣ ҷалб карда шуд. Ҳамчунин дар моҳи апрели соли 2009 Шӯрои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба механизми маблағгузорӣ бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат намудан ба рушди иқтисодиёт ва барои дастгирии барномаҳои иқтисодӣ ба маблағи 116 млн. доллари ШМА ба мӯҳлати 3 сол қарордод ба имзо расонидааст.

Инчунин дар соли 2010 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсия ва самтҳои асосии фаъолияти баъдибӯҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010» ба тасвиб расидааст.

Қарори мазкур бо мақсади суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлат ва дар ин замина беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонии идомадошта таҳия гардидааст.

Дар қарори мазкур самтҳои асосии фаъолияти баъдибӯҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010 муайян гардидаанд, ки аз инҳо иборатанд:

- дастгирии рушди устувори макроиқтисодӣ ва такмили системаи идоракунии давлатӣ;
- рушди минбаъдаи соҳаҳои воқеии иқтисодиёт тавассути навсозӣ ва диверсификатсияи он;
- дастгирии бахши хусусӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ;
- таъмини самараноки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дастгирии устувории бозори меҳнат ва рушди сармояи инсонӣ.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» қабул карда шуд, ки барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ равона карда шудааст.

Яке аз самтҳои таъмини рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ иборат мебошад.

Аз ин рӯ, заминаи ҳуқуқии ташкил ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ таҳия карда шудааст.

Соли 2009 ду минтақаи озоди иқтисодӣ, яъне минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ва «Панҷ» дар ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон таъсис дода шуда, имрӯз онҳо дар марҳилаи ташкилию омодасозии инфрасохторӣ қарор доранд.

Инчунин қарорҳои дахлдор доир ба таъсиси ду минтақаи озоди дигар дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ва ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қабул гардиданд.

Хусусигардонии объектҳои хурд ба таври умумӣ дар ҷумҳурӣ ба анҷом расидааст. Ҷиҳати ба анҷом расонидани хусусигардонии корхонаҳои миёнаю калон, таҷдиди субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008 №384 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003 №486» тасдиқ шуд.

Бо мақсади паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 ба тасвиб расидааст.

Мутобиқи натиҷаи таҳқиқот, сатҳи таҳқиқот камбизоатӣ дар соли 1999 – 83 фоиз, дар соли 2003 то 64 фоиз ва тибқи натиҷаҳои «Таҳқиқот ва сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бонки умумиҷҳонӣ ва ЮНИСЕФ гузаронида шудааст, дар соли 2007 сатҳи камбизоатӣ то 53,1 фоиз паст гардидааст.*

Сатҳи ниҳоии камбизоатӣ бошад, аз 36 фоизи дар соли 1999 дар соли 2007 то 17,0 фоиз расида, зиёда аз ду маротиба кам гардид.

Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва сатҳи ниҳояти камбизоатӣ дар ин солҳо аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини суботи макроиқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст.

Дар асоси таҳқиқоти мазкур ҳиссаи аҳолӣи камбизоат дар ҷумҳурӣ 53,1 фоиз, аз ҷумла, дар шаҳрҳо 49,3 фоиз, дар деҳот 54,4 фоизро ташкил намудааст. Инчунин сатҳи нодории ниҳоӣ дар ҷумҳурӣ 17,4 фоиз, мутаносибан дар шаҳрҳо 18,9 ва дар деҳот 16,9 фоизӣ муайян гардидааст.

Дар сатҳи минтақавӣ тамоюли паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар ҳудуди аз 6 то 41 фоиз мушоҳида мешавад. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сатҳи нисбатан босуръати паст гардидани камбизоатӣ, яъне ба андозаи 41 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Дар вилояти Хатлон ин нишондиҳанда ба 31 фоиз баробар буда, нишондиҳандаи пасттарин дар шаҳри Душанбе, ба андозаи 6 фоиз мушоҳида гардид.

## Боби 4. Фарогирӣ ва самаранокии Барномаи давлатии инвеститсионӣ (БДИ)

БДИ банақшагирии барномаҳои инвеститсионии давлатӣ бо ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ва мутамарказ ба ҳисоб меравад, ки дар чорчӯбаи молиявии воқеӣ омода гардидааст. Азбаски, ки захираҳои молиявӣ кифоят намекунанд, БДИ аз рӯи барномаҳои инвеститсионӣ афзалиятҳои миқдориро муқаррар месозад. Ҳамаи барномаҳо бо назардошти як қатор меъёрҳо баррасӣ мешаванд, то ин ки бартарияти кофӣ ва сифати онҳо таъмин гардад. Бо роҳи муайян сохтани инвеститсияҳое, ки барои татбиқашон воситаҳо ҳанӯз пайдо карда нашудаанд, БДИ ба сафарбар сохтани захираҳои молиявии хориҷӣ имкон медиҳад.

* Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои камбизоатӣ. Бонки умумиҷҳонӣ. Март 2009. Саҳ.1-4

Дар доираи БДИ мақсаду вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсат ва нақши танзимкунандаи он дар мавриди таҳкими сармояи мусоид барои фаъолияти бахши хусусӣ ба назар гирифта шудаанд. Вусъати иштироки бахши хусусӣ дар ҷое, ки иқтисодиёт қарор дорад, ба ташаккули даромадҳо ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар бештар мусоидат хоҳад кард. Лоиҳаҳои дар БДИ воридшуда сармоягузориҳои муассисаҳои давлатӣ, идораҳо ва сохторҳои корпоративиро дарбар мегиранд. Қисми муайяни хароҷотро аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ё аз ҳисоби кредитҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатдодашуда маблағгузорӣ кардан мумкин аст. Фондҳои инвеститсионӣ метавонанд дорои хароҷоти оперативӣ ва кӯмакҳои техникӣ бошанд, ба шарте ки онҳо қисми ҷудонашавандаи лоиҳа ба ҳисоб раванд. Лоиҳаҳои алоҳида оид ба кӯмакҳои техникӣ ба таври алоҳида пешниҳод шудаанд.

## Боби 5.Ҳолатҳои макроиқтисодӣ ва Барномаи давлатии инвеститсионӣ (БДИ)

Хароҷот ба БДИ қисми ҷудонашавандаи хароҷоти миёнамӯҳлат дар чорчӯбаҳои буҷаӣ (минбаъд - ҲММЧБ) ба ҳисоб меравand. ҲММЧБ бояд ҳамаҷониба бошад ва нишондиҳандаҳои банақшагирифташудаи иқтисодиёт, ӯҳдадориҳои қарзӣ ва тадбирҳои сиёсати иқтисодиро, ки дар

Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба таври васеъ ба назар гирифта мешаванд, ба инобат гирад. Хароҷоти буҷа рушди иқтисодии банақшагирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваррумро барои солҳои минбаъда инъикос менамоянд. Дар ҷараёни ин давра афзоиши хароҷоти буҷа, асосан дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни омодагии буҷаи кишварро таҳким мебахшад, то ин ки мақсаднокии хароҷот ва назорати хароҷоти маблағҳои буҷаиро, ки барои кам кардани камбизоатӣ ҷудо шудаанд, беҳтар намояд. Дар соли 2009 аз ҳисоби буҷа 46,5 млн. сомонӣ барои сабук кардани таъсири манфии бӯҳрони иқтисодӣ ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ ҷудо карда шуд.

Мутобиқи сиёсати иқтисодӣ ва молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯбаи механизми маблағгузорӣ бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба рушди иқтисод: сиёсати макроиқтисодӣ ва тадбирҳои молиявӣ дар ҷараёни давраи миёнамӯҳлат барои татбиқи самаранокии сиёсат, рушди устувори иқтисодӣ, қурби мӯътадили мубодилавӣ ва сатҳи пасти таваррум равона хоҳад гашт. Дар сурати  нигоҳ доштани қурби мӯътадили мубодилавӣ ин мақсадҳо боиси афзоиши даромади воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ тақрибан ба 10-15 фоиз рост меояд. Дар натиҷаи татбиқи барномаи зикршуда дар давраи солҳои 2010-2012 афзоиши миёнасолонаи воқеии ММД 6,0 фоиз сатҳи тавварум дар соли 2010 10 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳукумати Тоҷикистон ҳамаи қарзҳои берунаи давлатиро таҳти назорат қарор додааст ва ҳар се моҳ маълумотро дар бораи қарзи хориҷӣ дар воситаҳои ахбори омма ҷой медиҳад.

## Фасли II.  Барномаи  давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013

### Боби 6. Маблағгузории Барномаи  инвеститсияҳои давлатӣ.

Манбаъҳои маблағгузорӣ барои сармоягузориҳои давлатӣ фондҳои донорҳо, буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳоро фаро мегиранд. Лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва лоиҳаҳои кӯмаки техникӣ (КТ) дар доираи БДИ дар се бахш гурӯҳбандӣ шудаанд;

а) лоиҳаҳое, ки маблағгузорияшон тасдиқ шудааст (бо донорҳо шартномаҳо имзо шудаанд);

б) лоиҳаҳои як қисми маблағгузориашон тасдиқшуда ё бе ягон маблағгузорӣ, ки барои онҳо фондҳо ҷустуҷӯ мешаванд, (баъзеи онҳо дар марҳалаи гуфтушунид бо донорҳои муайяншуда қарор доранд);

в) лоиҳаҳои нав оид ба кӯмаки техникие, ки дар хусуси маблағгузории онҳо гуфтушунид нашудааст.

Ҷадвалҳои маълумотҳо дар бораи лоиҳаҳо ва ҷадвалҳои кӯмаки техникӣ дар шакли Замимаҳои 3, 4 ва 5 ба ҳуҷҷати мазкур тайёр шудаанд.

Замимаи 3 – Лоиҳаҳои  маблағгузориашон таъминшуда

Замимаи 4 – Лоиҳаҳои ба маблағгузорӣ эҳтиёҷдошта

Замимаи 5 – Пешниҳодҳои нав оид ба грантҳо ва кӯмаки техникӣ

### Боби 7.  Ҷараён ва сохтори  Барномаи  давлатии инвеститсионӣ

Дар моҳи январи соли 2010 аз вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш шуда буд, ки пешниҳодҳояшонро оид ба лоиҳаҳои нав ирсол намоянд, то ки ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои БДИ барои солҳои 2011-2013 дар назар гирифта шавад. Тамоми таклифҳои

пешниҳодшуда дар аввали моҳи феврали соли 2010 дастрас шуданд. Баъд аз ин, бо намояндагони идораҳои давлатӣ бо мақсади дақиқ сохтани маълумоти пешниҳодшуда ва муайян намудани афзалиятҳои дахлдори онҳо вохӯриҳо гузаронида шуданд.

Тамоми таклифҳои нав пешниҳодшуда ба таври мухтасар шарҳ дода шуда, аз ҷараёни интихоб гузаштанд, то ки дараҷаи афзалиятнокии лоиҳаҳои дохилшуда барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад. Барои муайян кардани афзалиятнокии лоиҳаҳои нав пешниҳодшуда меъёрҳои зерин истифода бурда шуданд:

Мулоҳизаҳои стратегӣ:

Оё лоиҳа стратегияи умумии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба рушди иқтисодӣ инъикос мекунад ва бо мақсаду вазифаҳо ва стратегияи бахш мутобиқат менамояд?

Стратегияи умумии рушди иқтисодӣ дар санадҳои мухталифи давлатӣ ба таври дақиқ ифода гардидааст, ки дар байни онҳо Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ мавқеи асосӣ дорад. Стратегияи бахш дар таҳрири дуюми ин ҳуҷҷат таҳти унвони «Тадбирҳои сиёсат ва стратегия дар бахш» ифода ёфтааст. Ин стратегияи бахшҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои гуногуни аз вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва дар ҷараёни вохӯриҳои гузаронидашуда таҳия шудаанд.

Мураттаб сохтани лоиҳаҳо:

Оё лоиҳаҳои пешниҳодшуда ба тарзи зарурӣ мураттаб гаштаанд?

Дар ҷараёни интихоб ба сифати лоиҳаҳои пешниҳодшуда диққат дода шуд. Бисёр лоиҳаҳои пешниҳодшуда мувофиқи тартиботи муқарраргашта мураттаб нашудаанд, аз ин лиҳоз нисбат ба барoварди хароҷоти пешниҳодшуда саволҳо пайдо мешаванд.

Асоснокии иқтисодӣ:

Оё тамоми хароҷот ва даромадҳои вобаста ба лоиҳа ҳисоб карда шудаанд? Ягон ҳуҷҷате, ки ҳисоботи Шуморо тасдиқ мекунад, вуҷуд дорад? Асосноксозии техникию иқтисодӣ сурат гирифтааст? Ғайр аз ин, оё Ҳукумат барои лоиҳа ягон масъулият хоҳад дошт ё тамоми масъулият ба зиммаи бахши хусусист?

Дар сурати мавҷуд набудани асоснокӣ тавсия дода шуд, ки асосноксозии техникию иқтисодӣ гузаронида шавад.

Иқтидор оид ба татбиқи лоиҳаҳо:

Оё агентии иҷрокунандаи лоиҳа барои татбиқи он иқтидор дорад? Оё инфрасохтори зарурии ёрирасон вуҷуд дорад? Оё барои тағйир додани санадҳои қолабии танзимкунанда зарурат мавҷуд аст?

Иқтидори иҷрошавӣ дар давраи гузаронидани асосноксозии техникию иқтисодии лоиҳаҳо аз нав дида баромада мешавад.

Оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ:

Оё ягон оқибатҳои экологӣ ва ё иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд?

Лоиҳаҳои инвеститсионӣ бояд бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва стандартҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд.

Боби 8. Кодҳои Барномаи давлатии инвеститсионӣ ва таснифи соҳаҳо

Ба ҳар лоиҳа дар доираи ҳуҷҷати БДИ бо мақсади гурӯҳбандӣ код ҷудо шудааст. Кодҳо аз се ҳарф иборатанд ва баъди онҳо ду адад меояд. Ихтисороти иборат аз се ҳарф категорияи соҳаро муайян менамояд. Як қатор ҷадвалҳои ҷамъбастии ба соҳаҳо мутобиқаткунанда мураттаб гаштаанд. Бахшҳои асосӣ ва ихтисороти кодӣ дар поён оварда мешаванд.

ҶадвалиN°2

| Соҳа | Кодҳои гузошташуда |
|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | ECM |
| Кишоварзӣ | AGR |
| Ирригатсия | IRW |
| Таъминоти об ва канализатсия | WSS |
| Энергетика | ENE |
| Нақлиёт | TRA |
| Экология | ECO |
| Маориф | EDU |
| Нигаҳдории тандурустӣ | HEA |
| Рушди бахши хусусӣ | PSD |
| Мултибахш ва дигар соҳаҳо | MUL |

Боби 9. Барномаи давлатии инвеститсионӣ дар солҳои 2011-2013

Барномаи давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013 - 94 лоиҳаро бо маблағи умумии 15 362,2 млн. долл. ШМА дар бар мегирад. Аз ин 23 лоиҳаи амалкунанда бо маблағи умумии 948,8 млн. долл. ШМА ва 71 лоиҳаи нав бо маблағи 14 413,4 млн. долл. ШМА ҳисоб меёбанд.

Ҷадвали 3 «БДИ барои солҳои 2011-2013» инвеститсияҳои БДИ-ро бо ифодаи соҳаҳо ва солҳо нишон медиҳад. Рақамҳои аз рӯи ҳар як соҳа овардашуда лоиҳаҳоеро, ки дар давраи татбиқ қарор доранд (бо маблағгузорӣ таъмин шудаанд) ва лоиҳаҳои навро (баъзеи онҳо манбаъҳои муайяни маблағгузорӣ доранд), фаро мегиранд. Дар байни лоиҳаҳои нав чунин лоиҳаҳое ҳам ҳастанд, ки ба таври расмӣ тасдиқ нашудаанд ва онҳо лоиҳаҳои афзалиятдошта мебошанд.

Илова бар ин, бо мақсади хубтар таъмин намудани эҳтиёҷоти лоиҳаҳои нав Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти манбаъҳои маблағгузориҳои грантӣ кӯшиш хоҳад кард.

Ҷадвали 3: Тақсимоти маблағҳои Барномаи давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013 аз рӯи соҳаҳо

(бо ҳаз. доллари ШМА)

| Соҳа | 2011 | 2012 | 2013 | Ҷамъ дар солҳои 2011-2013 |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | - | 2 200,00 | 5 500,00 | 7 700,00 |
| Кишоварзӣ | 11 574,46 | 11 002,36 | 10 495,98 | 33 072,80 |
| Ирригатсия ва таъминоти деҳот бо об | 17 596,39 | 86 734,65 | 136 411,30 | 240 742,34 |
| Таъминоти об ва канализатсия | 9 012,37 | 15 092,73 | 18 700,00 | 42 805,10 |
| Экология | 2 379,21 | 1 183,47 | 1 524,81 | 5 087,49 |
| Энергетика | 19 479,17 | 727 050,00 | 781 450,00 | 1 527 979,17 |
| Нақлиёт | 240 936,60 | 727 597,98 | 693 296,67 | 1 661 831,24 |
| Маориф | 14 584,13 | 31 591,53 | 45 253,88 | 91 429,54 |
| Нигаҳдории тандурустӣ | 9 922,05 | 20 435,79 | 27 158,68 | 57 516,52 |
| Мултисектор ва дигар бахшҳо | - | 2 200,00 | 8 800,00 | 11 000,00 |
| Ҳамагӣ | 325 484,37 | 1 625 088,51 | 1 728 591,32 | 3 679 164,20 |

Ҷадвал соҳаҳои инфрасохтор, аз ҷумла энергетика ва нақлиётро фаро мегирад, ки онҳо асоси лоиҳаҳои тамоми давраи 3-соларо ба маблағи умумии 3 189,8 млн. доллари ШМА ё 86,7 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо рақамҳо оид ба лоиҳаҳои асосӣ, ки бо қарз таъмин шудаанд ва ҳоло дар ҷараёни иҷро мебошанд, дохил карда шудаанд. Ин лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба барқарорсозии соҳаҳои энергетика ва нақлиёт равона карда шудаанд. Инфраструктурае, ки дар ҳолати хуб нигоҳ дошта шудааст, ба баланд шудани маҳсулнокӣ ва рушди иқтисодии тамоми соҳаҳо, таъмини дастрасӣ  ба бозорҳо, ба рақобат ва фаъол гардидани бахши хусусӣ кӯмак мерасонад.

Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ эътироф менамояд, ки инфрасохтор дастрасии аҳолӣи камбизоатро ба об, қувваи барқ ва нақлиёт осон мегардонад. Лоиҳаҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки ба он тандурустӣ, маориф,  таъминоти об ва канализатсия дохиланд, 5,2 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳанд ва ба 191,75 млн. доллари ШМА баробаранд. Ва дар охир лоиҳаҳои соҳаҳои кишоварзӣ, обёрӣ ва таъминоти оби деҳот 273,8 млн. доллари ШМА ё 7,4 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳанд.

Ҷадвали №4: Ҳиссаи умумии соҳаҳо дар солҳои 2011-2013




Ҷадвали 5. «Манбаъҳои маблағгузорӣ» манбаъҳои воқеии маблағгузориро нишон медиҳад. Таҳти банди «Маблағгузории хориҷӣ» манбаъҳое тасдиқ шудаанд, ки онҳо дар ҷараёни муҳокима ҳастанд, инчунин он лоиҳаҳое, ки ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ доранд, дохил шудаанд. Лоиҳаҳои амалкунанда ва нави соли 2011, ки барои маблағгузорӣ аз манбаъҳои хориҷӣ ва дохилӣ пешбинӣ шудаанд, 324,4 млн. доллари ШМА-ро ташкил медиҳанд.

Ҷадвали №5. Манбаъҳои маблағгузорӣ

(ҳаз. доллари ИМА)

| Манбаъҳо | 2010 | 2011 | 2012 | Ҳамагӣ дар солҳои |
|---|---|---|---|---|
| Маблағгузории хориҷӣ | 298704,81 | 1431924,73 | 1554087,13 | 3284716,67 |
| Қарз | 276500,38 | 1315881,75 | 1547493,11 | 3139875,24 |
| Грант | 22204,43 | 116042,98 | 6594,02 | 144841,43 |
| Маблағгузории дохилӣ | 26779,57 | 193163,78 | 174504,19 | 394447,54 |
| Буҷет | 26309,41 | 86183,78 | 113004,19 | 225497,38 |
| Манбаъҳои дигар | 470,16 | 106980,00 | 61500,00 | 168950,16 |

| Ҳамагӣ | 325484,37 | 1625088,51 | 1728591,32 | 3679164,20 |
|---|---|---|---|---|

Як қатор лоиҳаҳое, ки ба Барномаи давлатии инвеститсионӣ дар солҳои 2011-2013 дохил шудаанд, аз ҳаҷми умумии маблағҳои берунаи қарзӣ барои соли 2011 ҷудошуда, ки зиёда аз 9,0 млн. долл. ШМА-ро ташкил медиҳад, ҳамчун қарзи бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳисоб карда нашавад.

Ба рӯйхати чунин лоиҳаҳо метавон дохил кард: «Кам намудани талафоти қувваи барқ», «Сохтмони хати барқи Тоҷикистону - Афғонистон», ва лоиҳаи «Иваз намудани таҷҳизоти тақсимотии НБО-и Норак (ОРУ-220 кВ). Баргардонидани қарз оид ба ин лоиҳаҳо ба ШСХК «Барқи Тоҷик» вогузошта шудааст, яъне ин қарзҳо аз ҳисоби буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд пардохт карда нашавад.

Инчунин бояд қайд кард, ки дар соли 2010 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати татбиқи боз 5 лоиҳаҳои нави инвеститсионӣ созишномаҳои қарзӣ ба имзо расонида шудааст. Аз ҷумла:

1. Сохтмон ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи -хумб (қарзи Фонди Саъудии рушд (қитъаи Шӯрообод-Шоҳон)
2. Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи -хумб (қарзи Абу-Даби (қитъаи Шӯрообод-Шоҳон)
3. Сохтмони роҳи автомобилгарди Шоҳон-Зиғар марҳилаи 3 (қарзи Бонки Исломии Рушд)
4. Сохтмони роҳи автомобилгарди Душанбе-Данғара (қарзи ҶХХ)
5. Обёрии заминҳои водии Данғара (Қарзи Бонки исломии рушд, маблағгузории гузории иловагӣ)

## Фасли III. Бахши сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) барои солҳои 2011-2013

### Боби 10. Муқаддима

Бахши сохтмони асосӣ барои солҳои 2011-2013, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд сохтмони иншоотеро дарбар мегирад, ки аз ҳисоби маблағҳои муттамаркази буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар солҳои 2011-2013 барои сохтмони иншооти аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳо дар ҳаҷми 5560,49 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Сохтмони иншооти пешбинишуда асосан соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, коммуналӣ, энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, фарҳанг, ирригатсия ва дигар соҳаҳоро дар бар мегиранд.

Бунёди иншооти банақшагирифташуда бо назардошти афзалиятнокии онҳо дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар баён гардидааст, инчунин дар асоси қарор, фармоишҳо ва барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таклифу пешниҳоди вазорату идораҳои ҷумҳурӣ интихоб гардидаанд.

### Боби 11. Бахши сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) барои солҳои 2011-2013

Дар соли 2011 аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ сохтмони зиёда аз 440 иншоот ба маблағи умумии 1760,49 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, дар соҳаҳои маориф ба маблағи 218,6 млн. сомонӣ ё 12,4 фоиз, тандурустӣ 46,5 млн. сомонӣ ё 2,64 фоиз, кишоварзӣ 0,35 млн. сомонӣ ё 0,02 фоиз, манзилию коммуналӣ 317,2 млн. сомонӣ ё 18 фоиз, энергетика 871,6 млн. сомонӣ ё 49,5 фоиз, нақлиёт 24,0 млн. сомонӣ ё 1,36 фоиз, фарҳанг ва варзиш 93,1 млн. сомонӣ ё 5,29 фоиз, ирригатсия 12,6 млн. сомонӣ ё 0,71 фоиз ва дигар соҳаҳо 176,6 млн. сомонӣ ё 10,08 фоиз.

Бояд зикр кард, ки дар соли 2011 ҷиҳати ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ махсусан барои сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» дар ҳаҷми 850,0 млн. сомонӣ ҷудо намудани маблағҳо пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2011 ҷудо намудани маблағҳо дар асоси иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №642 Нақшаи чорабиниҳои ҷашнгирии 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ноҳияҳои Балҷувон, (аз 03.07 соли 2002 №276) Темурмалик, (12.10 соли 2000 №407) Нуробод,(31.08 соли 2004 №362) Мурғоб, (02.04 соли 2005 №127) Мастчоҳ, (13.08. соли 2008 №399) Шаҳринав, (31.08 соли 2007 №450) ва шаҳрҳои Роғун, (06.09 соли 2002 №365) Кӯлоб, (10.05 соли 2005 №179) инчунин «Барномаи давлати рушди худудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда барои солҳои 2005-2015», «Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015»(31.10 соли 2005 №396) ва «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020», (02.12 соли 2006 №514) «Дар бораи Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор дар давраи солҳои 2008-2012», (01.11 соли 2006 №486) «Дар бораи тасдиқи Барномаи барқарорсозии стансияҳои обуҳавосанҷӣ ва дидбонгоҳҳои обченкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016»,(07.09 соли 2006 №408) «Дар бораи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию эпидемиологӣ ва иҷтимоии хоҷагиҳои «Сино» ва «Хоҷа Сартез»-и ноҳияи Восеи вилояти Хатлон дар солҳои 2006-2009» (03.06 соли 2006 №250) ва дигар супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ пешбинӣ шудаанд, қисман ба инобат гирифта шудааст.

Ҷадвали №6 Ҳиссаи соҳаҳо дар сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) дар соли2011




Дар соли 2011 ба истифода додани иншооти зерин дар назар аст:

- Ба истифода додани бинои нави Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.
- Ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.
- Сохтмон ва ба истифода додани марказҳои варзишию солимгардонӣ ва тиҷоратию истиқоматии «Сомониён» дар шаҳри Душанбе.
- Сохтмон ва ба истифода додани биноҳои Беморхонаи марказӣ ва хонаи дуошёнаи истиқоматӣ дар ноҳияи Ҷиргатол.
- Сохтмон ва ба истифода додани мактаби таҳсилоти умумӣ барои 1200 хонанда дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон.
- Сохтмон ва ба истифода додани бинои Чойхонаи «20 солагии Истиқлолият» дар шаҳри Душанбе.
- Сохтмон ва ба истифода додани 11 бинои муассисаи таълимӣ ва майдони варзишӣ барои 25000 ҷойи нишаст дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд.
- Ба анҷом расонидани сохтмони НБО-и «Сангтуда-2».

Дар соли 2012 аз ҳисоби маблағҳои буҷаи давлатӣ сохтмони зиёда аз 491 иншоот ба маблағи умумии 1800,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, дар соҳаҳои маориф ба маблағи 240,5 млн. сомонӣ ё 13,4 фоиз, тандурустӣ 51,1 млн. сомонӣ ё 2,84 фоиз, кишоварзӣ 1,6 млн. сомонӣ ё 0,09 фоиз, манзилию коммуналӣ 299,2 млн. сомонӣ ё 16,6 фоиз, энергетика 1040,0 млн. сомонӣ ё 57,8 фоиз, нақлиёт 26,4 млн. сомонӣ ё 1,47 фоиз,, фарҳанг ва варзиш 102,4 млн. сомонӣ ё 5,69 фоиз, ирригатсия ва обёрӣ 14,0 млн. сомонӣ ё 0,78 фоиз ва дигар соҳаҳо 24,79 млн. сомонӣ ё 1,33 фоиз пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2012 ба истифода додани иншооти зерин ба нақша гирифта шудааст.

- Навбати сеюми хати обтаъминкунии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо иқтидори 7,5 км хатҳои обгузар.

Қобили зикр аст, ки ҳаҷми маблағгузории муттамарказ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ дар соли 2011 нисбат ба соли 2010 – 13,9 фоиз ва дар соли 2012 нисбат ба соли 2010 – 14,2 фоиз зиёд пешбинӣ шуда, афзалият махсусан ба сохтмони иншооти таъиноти истеҳсолидошта, аз ҷумла соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ ва нақлиёт, ки рушди бемайлони иқтисодиро таъмин менамоянд, дода шудааст.

Умуман дар солҳои 2011-2013 ба истифода додани фондҳои асосӣ бояд мувофиқи нақша 7000 млн. сомониро ташкил диҳанд.

Илова бар ин, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои муттамарказ сохта ва ба истифода додани манзил ба масоҳати 2554,8 ҳаз. метри мураббаъ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои 48122 ҷои нишасти талаба, беморхона барои 888 кат ва дармонгоҳҳо барои 1157 қабул дар як баст, хати обгузар 95,2 км., канализатсия 48,4 км. ва хати газ 19,1 км. пешбинӣ шудааст.

Ҷадвали №7 Тақсимоти маблағҳо барои сохтмони асосӣ (маблағҳои асосии мутамарказ) аз рӯи соҳаҳо

(ҳаз. сомонӣ)

| № | Соҳаҳо | Маблағузорӣ | | | ҳаҷми маблағҳои асосии с. 2011-2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳаҷми маблағҳои асосии с.2011 | ҳаҷми маблағҳои асосии с.2012 | ҳаҷми маблағҳои асосии с.2013 | |
| 1 | Маориф | 218619,0 | 240481,0 | 266934,0 | 726034,0 |
| 2 | Тандурустӣ | 46450,0 | 51095,0 | 56715,0 | 154260,0 |
| 3 | Фарҳанг ва варзиш | 93100,0 | 102410,0 | 112215,0 | 307725,0 |
| 4 | Ирригатсия/обёрӣ | 12600,0 | 14000,0 | 17000,0 | 43600,0 |
| 5 | Нақлиёт | 24000,0 | 26400,0 | 30304,0 | 80704,0 |
| 6 | Энергетика | 871600,0 | 1040000,0 | 1160000,0 | 3071600,0 |
| 7 | Кишоварзӣ | 350,0 | 1600,0 | 2500,0 | 4450,0 |
| 8 | Манзилию коммуналӣ | 317220,0 | 299226,0 | 327544,0 | 943990,0 |
| 9 | Дигар соҳаҳо | 176550,0 | 24788,0 | 26788,0 | 228126,0 |
| | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 1760489,0 | 1800000,0 | 2000000,0 | 5560489,0 |

Фасли IV. Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ барои солҳои 2011-2013

Боби 12. Муқаддима

Рӯйхати пешниҳодшавандаи лоиҳаҳо оид ба грантҳо ва кӯмаки техникӣ (ҷадвали ҷамъбастии 5) дар асоси таклифҳои пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои давлатӣ, инчунин баъзе донорҳо мураттаб гаштааст. Дар хусуси пешниҳодҳои нав оид ба кӯмакҳои техникӣ, ки аз ҷониби идораҳои давлатӣ барои Барномаи инвеститсионии давлатии мазкур пешниҳод шуда, ба маблағгузории донорҳо эҳтиёҷ доранд, маълумоти мухтасар оварда мешавад.

Боби 13. Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ барои солҳои 2011-2013

Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ аз 152 лоиҳа ба маблағи 1,09 млрд. доллари ШМА иборат мебошад. Аз тамоми лоиҳаҳо оид ба грантҳо ва кӯмаки техникӣ зиёда аз 60 лоиҳа манбаъҳои маблағгузорӣ муайян шудаанд, ки ин маблағҳо ё ваъда шудаанд ё амалӣ шуда истодаанд.

Лоиҳаҳо дар доираи Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ ба соҳаҳо ҷудо шудаанд. Ба соҳаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳрӣ 288,0 млн.

доллари ШМА рост меояд, ки 26,4 фоизи барномаи грантҳо ва кӯмаки техникиро ташкил медиҳанд. Пешбинӣ шудааст, ки ба соҳаи идоракунии иқтисодӣ 125,2 млн. долл. ШМА ҷудо карда мешавад, ки ин қариб 11,5 фоизи ҳаҷми умумиро ташкил медиҳад.

Лоиҳаҳо дар доираи ин соҳа асосан ба ислоҳот дар соҳаи идоракунии давлат, ташкили иқтидор оид ба идоракунии иқтисодиву молиявӣ, инчунин идоракунии андоз ва гумрук сафарбар шудаанд (Ҷадвали 8)

Ҷадвали №8: Тақсимоти Барномаи грантҳо ва кӯмаки техникӣ аз рӯи соҳаҳо

| Соҳа / Лоиҳа | Миқдори лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳаҳо | | Манбаъҳои маблағгузор | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | (хаз. долл.ИМА) | % | Дохили | Беруна |
| Идоракунии иқтисодиёт | 11 | 125 215,90 | 11,49 | 2 202,00 | 123 013,90 |
| Кишоварзӣ | 19 | 88 867,12 | 8,15 | 5 329,00 | 83 538,12 |
| Ирригатсия ва бо обтаъминкунии деҳот | 7 | 52 586,90 | 4,83 | 1 180,00 | 51 406,90 |
| Бообтаъминкунӣ ва канализатсия | 31 | 114 232,03 | 10,48 | 3 400,00 | 110 832,03 |
| Энергетика | 28 | 352 989,00 | 32,39 | 14 800,00 | 338 189,00 |
| Нақлиёт | 10 | 121 576,00 | 11,16 | 5 846,00 | 115 730,00 |
| Маориф | 9 | 73 382,00 | 6,73 | 2 839,00 | 70 543,00 |
| Нигаҳдории тандурустӣ | 17 | 100 410,00 | 9,21 | 2 000,00 | 98 410,00 |
| Мултисектор ва соҳаҳои дигар | 20 | 60 467,00 | 5,55 | 2 500,00 | 57 967,00 |
| Ҳамагӣ аз рӯи Барномаи Грантҳо ва Кӯмаки Техникӣ | 152 | 1 089 725,95 | 100,00 | 40 096,00 | 1 049 629,95 |

Фасли V. Муаррифии форматҳо барои пешниҳод ва ҷадвалҳои ҷамъбастии
Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ

Дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ин омилҳо бо мақсади таҳлил ҷадвалҳои ҷамъбастӣ оварда мешаванд. Шарҳи ҷадвали маълумот дар бораи лоиҳаҳо ва истифодабарии шакли дархостҳо барои кӯмаки техникӣ, инчунин тамоми ҷадвалҳои ҷамъбастии пешниҳодшуда дар поён оварда мешаванд.

Боби 14. Ҷадвали маълумот дар бораи лоиҳаҳо (ҶМЛ)

Шаклҳои барои пешниҳоди таклифҳои лоиҳавӣ истифодашуда ҷадвали маълумот дар бораи лоиҳаҳо номида мешаванд. Қисмати матнии БДИ дар бораи мақсадҳо ва вазифаҳои лоиҳаҳо, маълумоти умумӣ ва асоснокии мантиқӣ, тарҳе, ки дар он қисматҳои хароҷот тавзеҳ дода мешавад, мақом, манбаъҳои маблағгузории хориҷӣ, кӯмаки техникӣ ва хароҷоти ҷориро фаро мегирад.

Қисми маблағгузории лоиҳаҳо дар ҶМЛ ба се категория ҷудо мешавад. Категорияи аввал буҷаи берунаро дарбар мегирад. Оид ба лоиҳаҳое, ки дар марҳилаи иҷро ҳастанд, ин нишондод маблағгузориеро ифода менамояд, ки муайян гаштаанд ва ваъда дода шудаанд, ҳамзамон оид ба лоиҳаҳои нав ин маблағгузорӣ дар марҳилаи ҷустуҷӯ қарор дорад. Қисмати дуюм фондҳоеро, ки аз

буҷети миллӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар назар дорад. Ин категория асосан фонди шарикӣ (саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад, ки аз буҷаи миллӣ ҳангоми таъмини маблағгузорӣ аз ҷониби донорҳо, ба лоиҳаҳои нав пешбинӣ шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми шарикӣ мегузорад. Категорияи сеюм маблағгузориҳои фаръӣ буда, фондҳои аз дигар манбаъҳо, аз ҷумла даромадҳои бо қувваи худ бадастовардаро нишон медиҳад.

Боби 15. Ҷадвали маълумот дар бораи грантҳо ва кӯмаки техникӣ

Шакли дар лоиҳаҳои кӯмаки техникӣ истифодашаванда аз шаклҳои ҷадвалҳои маълумот дар бораи лоиҳаҳо фарқ мекунад. Ба қисми матнӣ номи лоиҳа, асоснокӣ, шарҳ ва татбиқи он дохил мешавад. Маблағгузории кӯмаки техникӣ арзиши умумии лоиҳаи аз ҳисоби манбаъҳои хориҷӣ ва буҷаи миллӣ бе шарҳи муфассали солҳоро нишон медиҳад. Чӣ тавре ки қайд шуда буд, Ҷадвали маълумотҳо дар бораи кӯмаки техникӣ оид ба лоиҳаҳои кӯмаки техникӣ дар марҳилаи татбиқ нишондиҳандаҳои фондҳои амалан ваъдашуда оварда мешавад, дар ҳолате, ки оид ба лоиҳаҳои нав онҳо ба фондҳои ҷустуҷӯшаванда ишора менамоянд.

Ҷадвали ҷамъбастии 1: Барномаи давлатии инвеститсионӣ воситаҳое, ки ба соҳаҳо тақсим карда мешаванд

Дар Ҷадвали 1 нишондодҳои ҷамъбастӣ оид ба лоиҳаҳо дар марҳилаи татбиқ ва пешниҳодҳои лоиҳавии нав дар соҳаҳо оварда шудаанд.

Ҷадвали ҷамъбастии 2: Татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар доираи Барномаи давлатии инвеститсионӣ (то 1 июни соли 2010)

Ҷадвали 2 шарҳи мухтасари иҷрои лоиҳаҳои татбиқшавандаи Барномаи давлатии инвеститсиониро инъикос менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар сутуни хароҷотии ин ҷадвал хароҷоти воқеии пешниҳоднамудаи Маркази иҷрои лоиҳаҳо ва дигар ташкилотҳои донорӣ ҷой дода шудаанд.

Ҷадвали ҷамъбастии 3: Барномаи давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2011-2013.

Ҷадвали 3 рӯйхати тамоми лоиҳаҳои БДИ аз рӯи соҳаҳо барои се соли БИД 2011-2013, аз рӯи категорияҳои иловагии «Амалкунанда» ва «Нав» фаро мегирад. Сутуни маблағи ҷамъбастии лоиҳа маблағи умумии барои тамоми давраи лоиҳа зарурро, ки баъзан аз давраи сесола зиёд аст, нишон медиҳад. Сутунҳои минбаъда арзиши лоиҳаро дар ҳар соли БДИ ва барои се сол нишон медиҳанд. Ҳар сол ба маблағгузории хориҷӣ, буҷети ва дигар манбаъҳо тақсим шудааст. Чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, барои лоиҳаҳои амалкунанда сутунҳои маблағгузориҳои хориҷӣ, буҷа ва дигар манбаъҳоро нишон медиҳанд, ки аллакай муайян шудаанд. Барои лоиҳаҳои нав ин сутунҳо маблағгузориҳоеро нишон медиҳанд, ки дар давраи ҷустуҷӯ ё гуфтушунид қарор доранд.

Ҷадвали ҷамъбастии 4: Бахши сохтмони асосӣ барои солҳои 2011-2013

Дар ҷадвали 4 маълумот дар бораи тақсимоти 3-солаи маблағҳои фармоишгарон, ки барои сохтмони асосӣ равона мешаванд, дарҷ гардидааст.

Ҷадвали ҷамъбастии 5: Барномаҳои грантӣ ва кӯмакҳои техникӣ барои солҳои 2011-2013

Дар ҷадвали 5 рӯйхати ҳамаи лоиҳаҳои амалкунанда ва нави кӯмакҳои техникӣ, ки дар давраи БДИ амалӣ хоҳанд шуд, оварда мешавад. Сутунҳои ҷадвал маблағҳои умумии лоиҳаҳо, саҳми буҷаи давлатӣ, маблағгузории хориҷӣ, мақоми лоиҳа, маблағи ӯҳдадориҳои молиявӣ ва

донорҳоеро, ки ӯҳдадор шудаанд ин маблағҳоро ҷудо намоянд, нишон медиҳанд. Рақам дар сутуни "Ӯҳдадориҳо" онро ифода мекунад, ки аз донорҳо ӯҳдадориҳои қавӣ оид ба маблағгузории лоиҳаи мазкур гирифта шудаанд. Агар донор муайян шуда, рақам нишон дода нашуда бошад, ин чунин маъно дорад, ки бо донорҳо гуфтушунид идома дорад, вале вай ҳанӯз ӯҳдадории қатъӣ нагирифтааст.